# ПРОТОКОЛИ № 6

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

16 июни соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин** дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.ф. Бозорзода Н.Ш. ва аъзои комиссия д.и.ф. Ҳасанова Т.Ғ. ва н.и.ф. Охунзода Н. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати

Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26-уми августи соли 2026, соати $15^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор – 10, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б. Ш.